**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати дисертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи «Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

Мавзуи интихобнамудаи Мирмаматова М.Р. таҳти унвони "Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ", яке аз масоили мубрами имрӯзаи илми педагогика маҳсуб меёбад.

Ҷомеаи муосир ба кадрҳои дорои сифатҳои волои инсонӣ ва ҳадафманду боазм, ташаббускору боғайрат ниёз дорад. Рушди фаъолияти ҳамаи қишрҳои ҷомеаи муосир ба ислоҳоти маориф ва иқтисодиву сиёсӣ, гузаштан ба технологияҳои навини муосир такя мекунад.

Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзўъ ва таҳқиқи илмии он њамчун рисолаи номзадї аз љониби Мирмаматова М.Р. дар мавзӯи "Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар марњилаи муосири рушди тањсилот хеле љолиби диққат буда, ба тањқиқоти мубрам ва доғи рўз мањсуб будани он далолат медињад.

Ҷолиби қайд аст, ки дар диссертатсияи худ Мирмаматова М.Р. таҳлили вазъи масъала дар назария ва амалияи воқеии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ошноӣ бо адабиёти фарогир дар бораи мушкилоти фарқият ва фардисозӣ ба хулосае меояд, ки тафриқа яке аз принсипҳои асосиест, ки гуманизатсияи таълим дар он асос ёфтааст.

Диссертатсия аз се боб, нуҳ зербоб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Боби якуми рисола “Асосҳои илмӣ - назариявии ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим” – номгузорӣ шуда , муаллиф бо такя бо дидгоҳҳои олимони соҳа, таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ҳамчун муаммои педагогӣ, моҳияти педагогии масоили таҳқиқшавандаро ошкор намудааст ва тавсифи умумии ин навъи таълимро инъикос намуда, шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавиро дар таълим муайян намудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ шакли такмили низоми таълим дар мактаби муосир” ном дошта, муаммоҳои дар раванди таълим фардикунонии таълим ва шакли тафриқавии кор бо хонандагон мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки “Истифодаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар дарсҳои забони англисӣ – воситаи ташаккули шахсияти хонандагон” номгузорӣ шудааст, масъалаҳои инфиродикунонии таълим дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз рӯи параметрҳои гуногун амалӣ карда шудааст ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оварда шудааст.

Таҳлили таҳқиқоти гузаронидаи Мирмаматова М.Р. ба хулосае овард, ки саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур бо иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот амалӣ гардидааст.

Дар асоси гуфтаҳои болої хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Мирмаматова М.Р. дар мавзӯи “Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ -

тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафрикавӣ", таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ аст ва муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
барномасозӣ ва низоми зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз
Раҷабович

***Маълумот барои тамос:***
*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе. , хиёбони Борбад 48/5. тел.(+992)2348802. Элек. почта:aziz69@mail.ru*

*Имзои А.Р. Мирзоевро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ ДБССТ* *Ҷӯраев Ш.Н.*

*18, 08, 2025*